№86 (3003)
18-уми ноябри
соли 2020,
ЧОРШАНБЕ

QR-CODE
@ovozisamarqand
OvoziSamarqand
@OvoziSamarqand

*Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!*

# Овози Самарқанд

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990

ISSN 2010-6688

E-mail: ovozisamarqand@umail.uz
http://www.ovozisamarqand.uz

**Ҷавонию миёнасолии худро бояд ба Ватан бубахшему пириямонро ба худ.**

**ПЛИНИЙ**

## Дар ҳар як ҳудуд хоҷагиҳои гулпарварӣ ташкил мегардад



Ҳайати кории вилояти Самарқанд иборат аз ҳокимони шаҳру ноҳияҳои вилоят, роҳбарони корхонаву ташкилотҳои гуногун таҳти роҳбарии ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов ба шаҳри Тошканд сафар карданд.

Дар доираи ташриф узви ҳайат фаъолияти боғҳои олами растаниҳои «Flowers Garden», «Green Park», Хиёбони адибон, Маҷмӯи варзишии бисёршохаи «Humo arena», маҷмӯаҳои «Ecobozor», «IT-Park», корхонаҳои истеҳсолӣ, самтҳои нави ҳаракати метроҳоро, ки солҳои охир мавриди истифодабарӣ супорида шудаанд, аз назар гузаронданд.

Намояндагони вилоят ба бунёдкориҳо дар шаҳри Тошканд ва раванди тағйиротҳо бевосита гувоҳ шуданд. Мутасаддиён ба салоҳияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои шаҳри Тошканд эътибори алоҳида доданд.

Сафари хизматӣ самарабахш гузашт ва аъзои ҳайат ба таҷрибаҳои амалӣ соҳиб шуданд. Дар ҳар як шаҳру ноҳия ташкили «IT-Park» ва дар назди Садоратҳои ободонӣ хоҷагиҳои гулпарварӣ муқарар гардид.

Дар асоси таҷрибаҳое, ки дар рафти сафар ба даст омаданд, доир ба рушди иҷтимоиву иқтисодии ҳудудҳои вилояти Самарқанд чорабиниҳои алоҳида таҳия гардида, дар амал татбиқ хоҳанд шуд.

Ин ҳамкории байни ҳокимиятҳои шаҳри Тошканд ва вилояти Самарқнад барои ҳар ду ҷониб муфид буда, барои корбарӣ даричаи имкониятҳои навро боз менамояд.

*Хизмати матбуоти ҳокимияти вилояти Самарқанд.*

## ДАР САМАРҚАНД...

### 6780 АДАД КОРХОНАИ ОИЛАВӢ ФАЪОЛИЯТ ДОРАД

Бино ба ҳолати 1 – уми ноябри соли 2020 дар вилоят 6 780-то корхонаи оилавӣ ба рӯйхат гирифта шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 61,5 фоиз зиёд аст.

Корхонаҳои навтаъсиси оилавӣ, ки дар давоми моҳҳои январ-октябри соли ҷорӣ ташкил гардидааст, 2 287 ададро ташкил медиҳад. Он назар ба даври мутаносиби соли гузашта 584-то зиёд аст.

### ЧАНД ДОНА ТУХМ ИСТЕҲСОЛ ГАРДИД?

Бино ба маълумоти Кумитаи давлатии статистикаи Ӯзбекистон, дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон 5 458,7 миллион дона тухм истеҳсол карданд. Ҳаҷми истеҳсоли тухм дар муқоиса бо ҳамин даври соли гузашта 100,8 фоиз афзоиш ёфт.

Самарқанд аз ҷиҳати истеҳсоли тухм дуввумин вилояти кишварамон аст.

18 дарсади ҳаҷми умумии тухм дар вилояти Тошканд, 17,5 фоиз дар вилояти Самарқанд истеҳсол шудааст. Ҳамчунин, вилоятҳои Наманган ва Андиҷон низ аз вилоятҳои асосии истеҳсолкунандаи тухм мебошанд.

### 7332 СУБЪЕКТҲОИ ХУРДИ ТАДБИРКОРӢ ТАШКИЛ КАРДА ШУДАНД

Мувофиқи ҳолати 1-уми ноябри соли 2020 дар вилояти Самарқанд дар маҷмӯъ 33 898 субъекти хурди тадбиркорӣ ба рӯйхат гирифта шудааст. Аз ин шумора 2341 адад корхонаи хурд ва 31557 адад микрофирмаҳо мебошанд.

Шумораи субъектҳои хурди тадбиркорие, ки фаъолият доранд, 32129 ададро ташкил медиҳад ва аз он 2300 корхонаи хурд ва 29829 микрофирмаҳо ҳастанд.

Дар даҳ моҳи сипаришудаи соли ҷорӣ дар ҳудуди вилоят ҷамъ 7332 субъекти хурди тадбиркорӣ таъсис ёфта, аз он 346 корхонаи хурд ва 6986 микрофирмаҳо мебошанд.

*Хизмати ахбори Садорати статистикаи вилояти Самарқанд.*

## Ҳамовози дили мардум

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА**

Рӯзи 14-уми ноябр дар Хонаи матбуоти вилоят ба муносибати чопи 3000-умин шумораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» таҳти мавзӯи «Ӯзбекистони нав – ҷаҳонбинии нав» вохӯрӣ доир гардид.

Шоиру нависандагон, мухбирони фаъоли рӯзнома, кормандони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамоатӣ, инчунин, ҷавонони фарҳангдӯст иштирокдори тадбир буданд.

Вохӯриро сарвари Садорати ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии вилоят Манноб Ибодуллоев ифтитоҳ бахшида, дар бораи дастовардҳои рӯзномаи «Овози Самарқанд» дар солҳои охир ҳарф зад.

Сипас, рӯзноманигори ботаҷриба, раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Боғимайдон Тошпӯлод Раҳматуллоев, сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Гулобод»-и ноҳияи Самарқанд Нормурод Каримзода, марди фарҳангдӯст Беҳрӯз Маъруфӣ, сухандони маъруф Шаҳло Аҳророва, шоир ва ношир Асадулло Шукуров, раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷик ва тоҷикзабонони вилоят Акбар Маҳмудов ва дигарон дар бораи мазмуну мундариҷаи рӯзнома, беҳгардии пойгоҳи моддиву техникии таҳририят, ташаббусҳои ҷамоаи рӯзнома бобати васеъ намудани доираи фаъолияти таҳририят ва масъалаҳои дигар ҳарф заданд.

Зикр гашт, ки соли ҷорӣ бо ташаббуси ҳокимияти вилоят қариб 1000 нафар собиқадорон ва нурониёни маҳаллаҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят ба рӯзнома бепул обуна гардиданд ва дар давоми сол имкони мутолиаи «Овози Самарқанд»-ро соҳиб шуданд. Инчунин, доир ба таърихи таъсиси рӯзнома, аҳамияти он дар ҳаёти иҷтимоии вилоят ҳарф заданд.

– Вақте ки бо мундариҷаи рӯзнома аз наздик шинос мешавем, пай мебарем, ки он ҳамнафасу ҳамқадами замон аст ва ҳамовози дили мардум гардидааст, – гуфт сухандон Шаҳло Аҳророва. – Имрӯз рӯзномаи «Овози Самарқнад»-ро дар як доираи маҳдуд не, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ мехонанд, медонанд ва дар баробари ин мешунаванд. Чунки аз тарафи таҳририят дар саҳифаҳои иҷтимоии рӯзнома мунтазам барномаҳои рангоранги фарҳангӣ ва иттилоотиву фароғатӣ гузошта мешаванд. Ҳоло 3000-умин шумораи «Овози Самарқанд» чоп гардид ва умед дорем, ки дар оянда 10 ҳазорумин, 100 ҳазорумин шумораҳои он низ дастраси хонандагон мегардад.

Сармуҳаррири рӯзнома Баҳодур Раҳмонов дар бораи фаъолияти рӯзнома, мушкилоти соҳа, заҳмати кормандон, эътибори муассис барои пешбурди кори рӯзнома ва нақшаҳои оянда сухан кард.

Дар идомаи вохӯрӣ, сарояндаи хушхон Ҳазрат Ҳамроқулов, рӯзноманигори собиқадор Мирсафо Камолӣ, шоира Дилшоди Фарҳодзод бо суруду шеърҳои худ тадбирро файзу шукӯҳи идона бахшиданд.

Дар вохӯрӣ ҷонишини ҳокими вилоят доир ба масъалаҳои сиёсати ҷавонон, рушди иҷтимоӣ ва корҳои маънавӣ-маърифатӣ Хуршед Очилов иштирок кард.



*Аксбардор* **Ҳусейн ЭЛТОЕВ**

## Ҳафтаи «INFOLIB UZBEKISTAN – 2020» чӣ хел мегузарад?

**Тошқул АЗИМОВ**

**Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 16 то 20-уми ноябри соли равон ҳафтаи «INFOLIB UZBEKISTAN – 2020» баргузор мегардад.**

Тадбири кушоиши ҳафтаи мазкурро вакилони ҳамаи марказҳои ахбор – китобхонаҳои вилоятҳои ҷумҳуриятамон дар шакли видео-конференсия, онлайн мушоҳида карданд.

Рӯзи 17-уми ноябр бошад, дар Маркази ахбор-китобхонаи ба номи А. Пушкин тадбирҳо дар доираи ин ҳафта оғоз гардиданд.

Бар асоси барномаи ҳафтаи «INFOLIB UZBEKISTAN – 2020» IX миллии ахбор-китобхона дар шакли онлайн ва офлайн семинар-тренингҳо, тақдимоти барномаҳои таъминотӣ аз қабили «Расондани хизмати саривақтӣ ба китобхонҳо», «Соати мутахассисон» гузаронда шуданд.

Дар оянда тақдимоти китобҳо дар мавзӯи «Илҳом ва эҷод», «Мутолиаи китоб дар оила», вохӯриҳои эҷодӣ бо шоир ва нависандагон, арбобони илму фан, маданият ва ҷамоатӣ, озмунҳое, ки дониши зеҳнӣ (интеллектуалӣ)-и ҷавононро зиёд мекунад, тадбирҳои офлайн ва онлайние, ки бо фаъолияти китобхона, шароити дар толорҳои хонишӣ фароҳамоварда шинос мекунанд, гузаронида мешаванд.

## Ҷаҳонбинии нав – меваи тағйиротҳои замони имрӯза

**Ш.КЕНҶАЕВ**

***Рӯзи 16-уми ноябр дар базмгоҳи Sultan Hall бо ташаббуси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Боғимайдони шаҳри Самарқанд таҳти шиори «Ӯзбекистони нав – ҷаҳонбинии нав» тадбири ватандӯстӣ баргузор гардид.***

Дар тадбир ҷонишини ҳокими вилоят Хуршед Очилов, роҳбарони мақомоти давлатӣ, шоиру сарояндагони номдори Ӯзбекистон иштирок карданд.

Ҷонишини ҳокими вилоят дар бораи вазъи пандемия, ислоҳотҳо дар самти саломатӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ сухан кард.

Фарҳод Набиев, профессори фанҳои таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар чорабинӣ доир ба ислоҳотҳои имрӯзаи Ӯзбекистон ҳарф зад.

– Ҷаҳонбинии нав аз имрӯз оғоз мегардад, – гуфт профессор ҳангоми суханронӣ. – Аз тарафи роҳбари давлатамон баргузор гардидани ин тадбири ватандӯстӣ барои ҳамаи ҳамватанонамон роҳе ба сӯйи ҷаҳонбинии нав аст.

Вай инчунин дар бораи корҳои созандагӣ, ки дар кишвар анҷом дода мешаванд, рушди тадбиркорӣ, сохтмони манзилҳои арзон ва корҳои амалӣ дар соҳаҳои динӣ, маънавӣ ва маърифатӣ сухан гуфт.



Дар тадбир баромадҳои мусиқиву намоишҳои дилнишини варзишгарон ва хонандагон ҳозиронро хушнуд кард.

Дар охири чорабинӣ роҳбари сектори дуюм, прокурори шаҳри Самарқанд Дилмурод Саидқулов ва раиси маҳалла Тошпӯлод Раҳматуллоев ба фаъолони маҳалла ташаккурнома супурданд.

***

Имрӯз, 17-уми ноябр дар қасри фарҳангии «Нурафшон» аз ҷониби маҳаллаи «Дарғам»-и шаҳри Самарқанд низ чунин тадбир гузашт.

Дар он вакили Шӯрои намояндагони халқи шаҳри Самарқанд Б. Раҳмонов иштирок кард.

Нахуст видеонавори кӯтоҳ оиди гузаштаву имрӯзи кишвари мо нишон дода шуд.

Сипас, чорабинӣ бо рақсу суруд ва шеърхонӣ идома дод.

Бояд гуфт, ки чорабиниҳои маънавию маърифатӣ таҳти шиори «Ӯзбекистони нав – ҷаҳонбинии нав» дар маҳаллаҳои тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят идома доранд.

ДАР ШАБАКАИ OVOZI.UZ МАВОДИ ҶОЛИБРО ТАМОШО КУНЕД!

ҚАБУЛИ ТАДБИРКОРОН - УСУЛИ САМАРАБАХШ БАРОИ ҲАЛЛИ МУАММОҲО

КОРҲОИ ТАШКИЛ ЗАХИРАИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЧӢ САТҲ АСТ?

АНҶУМАНИ МАТБУОТӢ БО ИШТИРОКИ ҶОНИШИНИ АВВАЛИН ҲОКИМИ ВИЛОЯТ ҶАМШЕД ӮРОҚОВ

«ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ – ҶАҲОНБИНИИ НАВ!»

ҲАР РӮЗ АЗ АХБОРИ МАМЛАКАТУ ҶАҲОН ТАВАССУТИ ШАБАКАИ OVOZI.UZ ХАБАРДОР ШАВЕД!

Вохӯрӣ

# Тадбирҳои тарғиботӣ – ба дилҳо сурур мебахшанд



Матн ва сурати **Ҷамшеди АСРОР**

Дар Мактаби бачагонаи мусиқа ва санъати рақами 24-и шаҳри Самарқанд зери шиори «Ӯзбекистони нав- ҷаҳонбинии нав» тадбири идонаи маънавӣ-маърифии маҳаллаи Боғи Фирузаи шаҳри Самарқанд шуд. Дар тадбир вакилони сектори дуввум-прокуратураи шаҳр, адибон, варзишгарон, фаъолони маҳаллаи Боғи Фируза ва дигарон иштирок карданд. Дар фойеи мактаб намоиши маҳсулоти ҳунармандӣ ва санъати маҳалла ташкил карда шуд.

Дар тадбир устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд Сироҷиддин Хӯҷақулов, вакили прокуратураи шаҳр Азамат Турсунов, имом-хатиби масҷиди Ҳоҷисафои Валӣ Зикриё Мухторов, вакили шӯъбаи Агентии кор бо ҷавонони шаҳри Самарқанд Муҳайё Яхшиқулова, оиди тараққиёти мамлакати озоду обод, ислоҳоти дар тамоми соҳаҳои ҷамъият татбиқшаванда, замонаи тинҷу осоишта, риоя ба қоидаҳои гигиенӣ ва санитарӣ, хулқу одоби намунавии ҷавонон ва ғайра сухан карданд. Тарбиягирандагони Ташкилоти таълими томактабии рақами 109, хонандагони мактаби таълими умумии рақами 5 бо иҷрои сурудҳо дар васфи Ватан – модар, ҳифзи кишвар ва иҷрои рақсҳо табъи ҳозиронро болида сохтанд.

– Дар маҳаллаи мо 2052 нафар аҳолӣ, намояндагони қариб 10 миллат аҳлона зиндагӣ мекунанд. Дар қисми аввали тадбир ҳунарманд ва санъатдӯстони маҳаллаамон маҳсулоти гуногуни худро намоиш доданд. Хурду калон аз баромадҳои ҷолиб кайфияти хуб гирифтанд, – гуфт раиси маҳаллаи Боғи Фируза Амирхон Бақоев.

Дар поёни тадбир иштирокчиёни фаъол бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ мукофотонида шуданд.

Паррандапарварӣ

# Маҳсулоти экспортбоби корхона

Дар моҳҳои март-апрели соли ҷорӣ ба хоҷагии фермерии бисёрсоҳавии «Навобод наслли парранда» 88335 сар чӯҷаи наслдор оварданд. Бо мақсади дар паррандапарварӣ боз ҳам такмил додани наслофарӣ ба хоҷагӣ аз Венгрия низ 64868 сар чӯҷаи наслдори ROSS-308 оварда шуд.

Чӯҷаҳои якрӯзаро мутахассисони украинагӣ, ки дар асоси шартнома кор мекунанд, ба муддати муайяншуда ба карантин гирифтанд. Баъди парвариши семоҳа аз тухм расондани паррандаи наслдор ба роҳ монда мешавад.

Шӯъбаи нозироти назорати маҷмӯи агросаноати назди Девони Вазирон дар ноҳияи Самарқанд дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо риояи қоидаҳои карантин назорати чӯҷаҳои наслдорро ба роҳ монд.

– Аз ҷониби давлатҳои содироткунанда пойгоҳи электронии тасдиққунандаи маълумотҳои насли падару модари чӯҷаҳо бунёд гардид. Баъди ба итмомрасии муддати карантин базаи ҳисобҳо аз рӯйи расондани чӯҷаҳои наслдор ташаккул меёбад, – гуфт сарнозири шӯъба аз рӯйи назорати корҳои наслофарӣ Хуршед Хуррамов.

Хоҷагии фермерии бисёрсоҳавии «Навобод наслли парранда» яке аз корхонаҳои содироткунадаи ноҳия аст. Имрӯзҳо дар ин ҷо беш аз 300000 сар чӯҷаи наслдор парвариш карда мешавад. Хоҷагӣ моҳе зиёда аз 2 миллион дона чӯҷаи наслдор парвариш карда, қариб ба ҳамаи хоҷагиҳои паррандапарварии мамлакат мерасонад.



Дар вилоятҳои Андиҷон, Хоразм, Сурхандарё ва Тошканд филиалҳои коргоҳ фаъолият нишон медиҳанд. Аввал аз ҳамкорони германиягӣ чӯҷаҳои наслдор расонда шуда бошад, имрӯзҳо дар назди коргоҳ сехи инкубатсияи чӯҷакушоӣ ба роҳ монда шудааст. Бо ёрии ускунаҳои замонавии хориҷӣ аз ҳар 100-то тухм 90–95 дона чӯҷа мекушоянд.

Дар корхона дар як соат 20 тонна еми омехтаи парранда истеҳсол мешавад. Еми омехта ба Афғонистону Тоҷикистон низ содирот карда мешавад.

Дар давоми моҳҳои гузаштаи соли ҷорӣ аз ҷониби хоҷагии фермерӣ ба миқдори 9,5 миллион доллари ИМА маҳсулот содирот шуд.

Хизмати ахбори Садорати вилоятии «Ӯзагроинспексия»

ДУ ФАКТ...

Дар **17** минтақаи хурди саноатӣ татбиқи **113** лоиҳа ба маблағи **700,5** миллиард сӯм пешбинӣ шудааст. То ҳол дар ин минтақаҳо **58** лоиҳа бо арзиши **18,9** миллион доллари амрикоӣ ба роҳ монда шуда, **952** ҷойҳои нави корӣ ташкил гардиданд.

Дар доираи барномаи сармоягузории минтақавӣ дар ноҳияи Ҷомбой аз тарафи Ҷамъияти саҳҳомии «Самарқанд консерва» дар доираи лоиҳаи аз нав коркарди меваю сабзавот Кластери меваю сабзавот ташкил карда шуд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа, **20** ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

# 11 ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратии вилоят

## соҳиби грантҳои давлатӣ гардиданд

Дар Садорати адлияи вилоят ба 11 ташкилоти ғайридавлативу ғайритиҷоратии вилоят, ки дар озмуни чоруми гранти давлатӣ дар мавзӯи «Манфиатҳои инсон – аз ҳама волост» ғолиб гардидаанд, сертификат супорида шуд.

Озмуни мазкур аз тарафи Бунёди ҷамъиятии назди Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон барои чудо кардани грантҳои давлатӣ оид ба дастгирии фаъолияти ниҳодҳои демократӣ дар таъмини волоияти қонун ва назорати ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

– 40 миллион сӯм маблағи грантиро барои пешбурди фаъолияти маркази рушди иҷтимоӣ-иқтисодии «Сабр»-и назди маҳалламон равона мекунем, – гуфт ҷонишини раиси маҳаллаи Пастки Қаландари ноҳияи Ургут Мақсуда Ибодуллоева. – Дар асоси ин 24 нафар зану духтарони маҳалла бо кор таъмин мегарданд. Ба онҳо дар марказ асрори пазандагӣ, дӯзандагӣ ва компутер омӯхта мешавад.

Бояд гуфт, ки рӯзномаи вилоятии «Зарафшон» низ дар миёни ғолибони грантҳои давлатӣ ҷой гирифт.

Мухбири рӯзнома.

# Сабабгори воқеаҳои нохуш...

**Ҷасур РАҲМОНОВ**, сардори шӯъбаи вазъиятҳои фавқулоддаи ноҳияи Самарқанд

Воқеаҳои нохуш худ аз худ рӯй намедиҳанд. Масалан, соати 17.00 рӯзи 4-уми ноябр дар маҳаллаи Қаросуви ноҳияи Самаорқанд фалокат рух дод. Дар натиҷаи бапарвоӣ соҳибони хонадон Ю.Куфтин ва ҳамсараш Н.А. Агапичева аз бӯйи гази печи гармидиҳӣ заҳролуд шуда аз олам чашм пӯшиданд. Ҳоло оиди ошкор сохтани сабабҳои ин ҳолат аз ҷониби прокуратураи ноҳия корҳои аввалини тафтишотӣ давом дорад.

Чаро ҳолатҳои сарзании сӯхтор, заҳролудшавии одамон аз бӯйи газ, сӯхтани автомобилҳо ва ғайра сар мезананд? Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин воқеаҳои нохуш бо айби худи мо содир мегарданд. Чунки мо ҳангоми равғандоғкунӣ равғанро ба дег андохта, зери он оташ мегиронем. Хазону хасрӯбаҳоро дар гиронида, гумон мекунем, ки худ аз худ сӯхта, онҳо хокистар мешаванд. Гази печи хонаро афрӯхта, ба корҳои дигар машғул мешавем. Андешаи онро надорем, ки барои натафсидани он гоҳ-гоҳ онро хомӯш кунем. Хулоса, ҳар кору амале, ки ба газу барқу оташ дахл дорад, ҳушёриро талабӣ мекунад.Охир донистан ва амал кардан ба қоидаҳои одитарини бехавфии сӯхтор ба манифиати худи мост.

Мо ҳамеша, ҳангоми вохӯрӣ ва сӯҳбату мулоқотҳо бо мардум ба тарғиботи пешгирии ҳодисаҳои нохуш машғул мешавем. Бо ин мақсад двр байни аҳолӣ ҳар гана варақаҳоро роҷеъ ба пешгирии сӯхтор тақдим менамоем. Дар баъзе маҳаллаву пунктҳои аҳолиниш машғулотҳои амалӣ мегузаронем, ки ҳангоми сарзании фалокат ва ё воқеаҳои нохуш мардум бояд чӣ хел амал намоянд. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин, дар даҳ моҳи гузаштаи соли равон дар микёси ноҳия 76 сӯхтор ба амал омад. 12-тои онҳо аз истифодаи нодурусти печҳои газӣ, 28-тоаш аз асбобу ускунаҳои электирӣ, 29-тоаш беэҳтиётӣ ҳангоми истифодаи оташ ва 10-тои дигараш аз оташбозии бачаҳо сар задаанд. Ин сӯхторҳо ба сокинони аз онҳо ҷабрдидаи ноҳияи мо 48 миллиону 750 ҳазор сӯмина зарари моддӣ расонданд. Шумораи сӯхторҳо нисбат ба соли гузашта 12 адад кам шуда бошад ҳам, ҳанӯз ин моро қонеъ намегардонанд. Бинобар ҳамин, аз ҳама хоҳиш менамоем, ки ҳангоми истифодаи газу барқу оташ бо қоидаҳои бехатарии сӯхтор риоя кунанд.

Муносибат

# Орзуҳои бисёрсолаи мо амалӣ мешаванд

**Ифтихор РАҲИМОВ**, ташкилотчии масъули Шӯрои ҷумҳуриятии Иттифоқи касабаи ходимони таълим ва фан дар вилояти Самарқанд

Аз рафти ҷараёни анҷумани иттифоқҳои касаба ман низ сахт ба ҳаяҷон омадам. Чунки пешниҳоди Президенти мӯҳтарамамон дар бораи муайян кардани 11-уми ноябр ҳамчун Рӯзи кормандони иттифоқҳои касаба эътибор, боварӣ ва масъулияти бузурге ба соҳа аст. Дар амал ҳам ин қарори ниҳоят оқилона ва одилонаро собиқадорон ва фаъолони иттифоқҳои касаба тамоми умр умедвор буданд.

Мо умедворем, ки барои сазовори ин боварӣ ва масъулият шудан ҳамаи фаъолони сохторҳои иттифоқи касаба тамоми қуввaю ғайрати худро дар роҳи пешрафти фаъолияти иттифоқҳои касаба сарф мекунанд.

Пешниҳод дар бораи ташкили академияи иттифоқи касаба низ орзуи бисёрсолаи ҳамаи мо – аъзои иттифоқи касаба буд. Дар сохтори иттифоқи касабаи мо 2167 нафар сарварони ташкилоти ибтидоии иттифоқи касаба фаъолият доранд. Фаъолият, обрӯву эътибор ва мавқеи онҳоро ба назар гирифта, номзадии онҳо ба роҳбарии идораҳои давлатӣ тавсия карда мешавад. Дар ин ҷараён дар масъалаи интихоби кадрҳо роҷеъ ба номзадӣ ба раисии шӯроҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии иттифоқҳои касаба ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешудем ва орзу мекардем, ки кош ягон муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи иттифоқи касабаро тайёр мекард.

Барои пешниҳоди Президентамон дар бораи кушодани Академияи иттифоқҳои касаба, ки дурандешона ва эътибори бузург ба сиёсати кадрҳо дар ин самт аст, аз номи иттифоқи касабаи бисёрсоҳавӣ миннатдории самимии худамонро изҳор менамоем.

Дар ҷараёни барпо кардани мамлакати фаровон ва демократие, ки бо раҳнамоии Президенти мӯҳтарамамон оғоз ёфт, омӯзгорон ва мураббиён, ходимони илмӣ ва эҷодкорон, хулоса зиёиён кӯмакчиёни аввалин ба ҳисоб меравaнд. Баланд бардоштани нуфузи онҳо дар ҷамъият, фароҳам овардани шароити хуби кор ва зиндагӣ, рӯёб кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои иҷтимоӣ – иқтисодии онҳо бо мақсад ва вазифаҳои иттифоқҳои касаба муштарак мебошад.

Ходимони иттифоқи касаба хуб дарк мекунанд, ки тағйиротҳои васеъмиқёси демократӣ, хусусан ислоҳотҳо дар соҳаи таълим ба Ренессанс, яъне ба даври Эҳё дар Ӯзбекистон замина мегузорад ва мо ҳам бояд дар он фаъолона иштирок карда, ҳиссаи муносиби худро гузорем.

Кишоварзӣ

# Тухми баракот мекоранд

Имрӯзҳо дар вилоят бо 106 –то сеялкаҳои замонавӣ рӯзе қариб дар 4000 гектар замин тухми ғалла мекоранд.

Бо мақсади саривақту босифат иҷро кардани қарори Девони Вазирон аз 8-уми сентябри соли ҷорӣ «Дар бораи чораву тадбирҳои ғалларасонӣ дар соли 2021» таҳти рақами 546 дар вилоят барои ҳосили соли 2021 дар 138830 гектар замин гандуми тухмӣ мекоранд. Имрӯзҳо деҳқонҳо аз обу ҳавои мӯътадил истифода бурда, бо риояи қатъӣ ба тадбирҳои агротехникӣ мавсуми ғаллакориро босифат мебаранд. Нозироти назорати маҷмӯи агросаноат тадбирҳои мониторингиву таҳлилӣ мегузаронад.

Бояд таъкид кард, ки дар Самарқанд ҳам барои инноватсионӣ расондани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ эътибори алоҳида дода мешавад. Табиист, ки ба соҳа татбиқ кардани технологияҳои замонавӣ аз фоида холӣ намешавад.

Дар давоми мавсуми ғаллакорӣ барои ҳосили соли 2021 бо 106 сеялкаи замонавӣ рӯзе дар зиёда 3,5 ҳазор гектар замин тухми ғалла мекоранд. Ба ҳисоби ба ҳар як гектар ҳамроҳ кардани маводи сӯзишворию равғани молиданӣ, хизматрасонии техникию сервисӣ, кор бо сеялкаҳои замонавӣ на фақат аз ғалла ҳосили зиёд гирифтан, балки ба кам кардани сарфу хароҷотҳо сабаб мешавад.

Дар ноҳияи Иштихони вилоят барои ҳосили соли 2021 дар 7380 гектар замин кишти тухми ғалла дар нақша аст. Бо мақсади хуб гузаронидани мавсуми ғаллакорӣ аз Туркия 12 адад сеялка оварданд. Воситаҳои техникаи замонавии хоҷагии қишлоқро шӯъбаи иштихонии нозирот ба базаи электронӣ даровaрда, сертификат ва гувоҳномаҳои дахлдор дод.

Хизмати ахбори Садорати вилоятии «Ӯзагроинспексия»

Оё медонед?

# Тартиби гирифтани кредити истеъмолӣ чӣ гуна аст?

- Кредити истеъмолӣ қарзест, ки ба шахси ҷисмонӣ (истеъмолчӣ) барои хариди мол (кор, хизматрасонӣ) дода мешавад.

- Кредитҳои истеъмолӣ ба шахсони ҷисмоние дода мешаванд, ки аз фаъолият, нафақа ва дигар даромадҳо маблағи иловагӣ ба даст меоваранд.

**Кредити истеъмолӣ барои хариди молҳои (хидматҳои) зерин дода мешавад:**
- таҷҳизоти рӯзгор, техникаи компутер, радиоэлектроника ва таҷҳизоти барқӣ;
- хариди мебел ва дигар ашёи рӯзгор;
- хариди роҳхатҳои табобат дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ, марказҳои фароғатӣ, хонаҳои истироҳат дар қаламрави Ӯзбекистон;
- гузаронидани ҷашнҳо (тӯйҳо, солгардҳо);
- таъмири мошинҳои хусусӣ ва ғайра.

**Миқдори кредит, мӯҳлат, ставкаи фоиз, ҷадвали пардохтҳо дар шартномаи кредити истеъмолӣ инъикос карда мешаванд.**



**Барои гирифтани кредит ҳуҷҷатҳои зерин лозиманд:**
- ариза барои ҷудо кардани кредит;
- шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- маълумотнома дар бораи даромади қарзгиранда аз ҷойи кор, ё дигар ҳуҷҷате, ки миқдори даромади қарзгирандаро тасдиқ мекунад;
- ҳуҷҷатҳое, ки баргардонидани қарзро таъмин мекунанд (масалан, кафолати шахсони ҷисмонӣ ё ҳуқуқӣ, гарави амвол ё коғазҳои қиматнок, полиси суғурта дар бораи хатари барнагардонидани қарз).



# Дилсӯзи рӯзнома

Очерк

*Сурат соли 1988 аксбардорӣ шудааст.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**

**Аввалаш дар шумораи гузашта.**

### ИНТИЗОРӢ... ОҲ ИНТИЗОРӢ...

Он солҳо дар мактабҳои тоҷикии Самарқанд маҷаллаи «Машъал» ва «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») маҳбубият дошт. Қариб ҳар як талаба ба онҳо обуна шуда, гоҳ-гоҳ аз Самарқанд низ хату хабар ва намунаҳо аз эҷодиёти толибилмон интишор меёфтанд. Ана барои чӣ Мирсафо Камолӣ шеъри худро ба идораҳои нашрҳои мазкур ирсол намуд. Акнун бетоқатона интизорӣ хаткашон шуда, баробари расидани рӯзнома ба чор саҳифаи он дида дӯхта оҳи сард мекашид, ки ному насабаш нест. Пас аз қариб ду моҳ аз идораи «Пионери Тоҷикистон» мактуб расид. Мирсафо бо ҳаяҷон, саросема лифофаро кушод. Ходими редаксия навишта буд, ки дар шеър суханҳои тозаи шоирона нест. Муаллиф бояд бисёр қироат кунад ва сипас ба даст қалам гирад. Бо вуҷуди чоп нашудани шеъраш он ба муаллиф руҳи тоза бахшид. Хабари «Дар сари «қабри шоир» Пайрав Сулаймонӣ рафтани хонандагонро ба идораи маҷаллаи «Машъал» ирсол намуда, аз интизорӣ чӣ кор карданро намедонист.

Соли нави 1967 оғоз ёфт. Баъди таътили зимистона ҳама боз ба мактаб омаданд. Дар танаффуси калон дӯсташ Шаҳриёр аз кучҷое дар даст маҷаллаи «Машъал» пайдо шуду долонро ба сараш бардошта фарёд зад:

- Мирсафо, шодиёна деҳ, мақолаат чоп шудааст! Дар як нафас ҳангоматалабон онҳоро иҳота карда, қариб буд, ки маҷалларо талошкунон пора-пора кунанд. Ҳамин вақт занг танинандоз гашт ва ҳама вориди синф шуданд. Аммо доду ғирев паст нагардида ҳозирон мехостанд, ки аввалин шуда бо иншои ҳамсинфи худ шинос шаванд. Роҳбари синф Мӯъмин Усмонов аз зумраи он муаллимони ниҳоят ҷиддӣ, сахтгир буд, аммо талабаҳоро ғайричашмдошт ба оромӣ даъват кард ва маҷалларо ба даст гирифта бо овози баланд хонда дода гуфт, ки дигарон аз Мирсафо ибрат гиранд. Зеро бо навиштаи толибилми мактаб тамоми Тоҷикистону Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои тоҷикзабон шинос шуда, аз вуҷуд доштани деҳаи Чоршанбе огоҳ мешаванд. Мӯъмин Усмонов, ки аз математика сабақ медод, ба теъдоди маҷалла чашм давонда хабар дод, ки он қариб 50 ҳазор нусха чоп шудааст. Агар ҳар як шумораи нашри мазкурро 10 нафар мутолиа намоянд, ҷамъ 500 ҳазор кас мешавад. Ин обрӯи мактаби мо аст...

***

Воқеан, аз байн бисёр фурсат нагузашта Мирсафо Камолӣ мактубборон шуд. Хаткашон даста-даста нома оварда ба дасти сарвари таълимгоҳ медод. Аксарият риштаи дӯстӣ бастанро пешниҳод менамуданд. Алалхусус Муҳаммад Абдурасулов бо исрор талаб кард, ки ҳатман ба Кӯлоб ташриф фармуда меҳмони хонадону мактаби ӯ шавад. Мирсафо таклифро қабул кард ва соли 1974 сӯи Кӯлоб парвоз намуд. Дар Кӯлоб ӯро чун меҳмони олимартаба қабул намуда, кӯлобиён доир ба Самарқанди бостонӣ пурсон мешуданд ва ба хонаҳояшон даъват менамуданд. Вай пас аз чанд рӯз ба Душанбешаҳр омад ва ба идораи «Машъал» сар халонд. Аллакай ӯро дар ин ҷо мешинохтанд. Чунки шеъру ҳикояҳои ӯ дар журнал чоп шуда буд. Ходими он Нозирҷон Боҳирӣ бо меҳмони самарқандӣ сӯҳбат ороста «Дидори дӯст» ном мақолаи ӯро таҳия намуда дар маҷалла чоп кард.

Ногуфта намонад, ки дертар дӯсти кӯлобии ӯ Муҳаммадӣ Абдурасулов ва Ёқубҷон Мамаҷонови исфарагӣ аз Тоҷикистон ба меҳмонӣ омаданд. Барои хотира ба сурат афтоданд ва бо ҷойҳои диққатангези шаҳр шинос шуданд.

### УЛФАТИ ДИЛСӮЗИ МАН – ХУШНУДИИ РӮЗИ МАН

Соли 1967 ӯ синфи ҳаштро хатм карду барои идомаи таҳсил ба мактаби рақами 16-ӯми деҳаи Ӯрташайх омад. Вай аллакай ҳамчун навқалами умедбахш дар таълимгоҳи нав маҳбубият пайдо карда буд, ки аъзои маҳфили «Адабиётчиёни ҷавон» гардид. Роҳбари он шоир Бердӣ Ҳамроев буд. Сипас ҳамдеҳааш Саттор Аҳрорӣ бо ӯ шинос шуд ва назди худ хонд. Саттор Аҳрорӣ шахсе буд ниҳоят ҳалиму хоксор, дилёбу дарёдил. Кӯшиш ба харҷ медод, ки навшогирди худро аз олами шеъру шоирӣ хабардор созад. Аввало дафтари ашъори худро ҳадя намуд ва ба машқҳои Мирсафо қалам зада, вазн чист, қофия чист фаҳмонд. Албатта китоби «Санъати сухан»-и Тӯрақул Зеҳнӣ барои аз сиру асрори шоирӣ огоҳ шудан такон бахшид. Саттор Аҳрорӣ бештар дар мавзӯъи ишқу муҳаббат ва тарҷимаи ҳол эҷод мекарду аммо онҳо рӯи чопро намедиданд. Мирсафо чанд намунаи шеърҳои ӯзбекии ӯро дар идораи рӯзномаи «Шарқ тонги» (ҳоло «Гулобод тонги») оварда ба дасти Абдусалом Муҳаммадиев дод ва онҳо нашр гардиданд. Баъди ин воқеа ҳурмати ӯ ба шогирдаш бештар афзуд. Шояд аз ҳамин сабаб дар ситоиши Мирсафо Камолӣ чанд шеър навишт...

Мирсафо барои чоп кардани ашъори С. Аҳрорӣ кӯшиш намуд ва шеърҳои ӯ тез-тез рӯйи чопро медиданд ва аз ин С. Аҳрорӣ рӯҳбаланд мешуд.

### ОДАМ БА УМЕД ЗИНДА БОШАД

Мирсафо Камолӣ баъди хатми мактаби рақами 16-ӯми ноҳияи Самарқанд ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурд. Лек афсӯс, ки офтоби бахт ба сӯяш натофт. Ба деҳаи дурдасти Ҷартеппаи ноҳияи Ургут ба Шамсиамак ном ошпази самарқандӣ шогирд шуд. Ба ҷойи қалам ба даст асбобҳои хӯрокпазиро гирифт. Вақтҳои холӣ китоб хонд. Соли 1970 ба шӯъбаи ғоибонаи донишкадаи педагогии ба номи устод Садриддин Айнӣ дохил шуд. Вале ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват карданд. Ду сол қарзи ҷавонмардии худро дар Иваново адо намуд. Пас аз хизмати ҳарбӣ боз таҳсил гирифт ва бо меҳнат машғул шуд. Дар омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ касб омӯхт ва бо роҳхат чанд сол дар заводи чини Самарқанд чун рассом фаъолият бурд ва дар ин ҷо бахти худро ёфт. Бо Дилбар ном зебосанам дил бохта, ақди никоҳ баст. Сипас дар хоҷагии ҷамоатии «Гулистон» ҳамчун котиби ташкилоти комсомолӣ ва сардори звено фаъолият бурд. Солҳои 1974–1976 бо роҳхати муҳаррири рӯзномаи «Шарқ тонги» шодравон Насриддин Зайниев ба дорулфунуни коргар – ҷавонони назди рӯзномаҳои вилоятӣ дохил шуда, аз журналистони шинохта сабақ гирифт. Бо муҳаррири бахши тоҷикии радиошунавоии вилоят Нор Остонзода (равонаш шод бод!) ҳамкориро вусъат дод. Бо супориши ӯ хату хабар, гузоришу лавҳа, очерку мақолаҳо доир ба доғи рӯз навишт.

Соли 1980 ба сарвари ҷавонони хоҷагӣ ва звено барои рӯёндани ҳосили фаровон бо саёҳат ба Булғория бепул сарфароз карда шуд ва аз соли 1983 бо тавсияи ҳокими ноҳия Р. Абдуллоев мудири шӯъбаи корҳои хоҷагӣ таъин гардид.

### МУКОФОТИ АМАЛ

Бо талоши равшанфикрони маърифатпарвар рӯзномаи «Овози Самарқанд» рӯи чопро дид. Ин хушхабар зуд бол кушод. Мирсафо нусхаи нахустини онро ба даст гирифта ба абрӯяш молид. Охир ниҳоят ба забони модарӣ рӯзнома нашр ёфт, ки минбаъд минбари озоди тоҷикон ва ҳамрозу ҳамдили мардуми таҳҷоӣ шуд.

Рӯзе Мирсафо саргарми парвариши боғи назди идора буд, ки нобаҳангом котиб аз тиреза фарёд зада, назди худ хонд. Вай бо сад андеша вориди қабулхона шуд.

– Норқул Остонақулов занг зада гуфтанд, ки шумо таъҷилан наздашон равед, – иттилоъ дод ӯ, – гапи муҳим доштааст.

Мирсафо Камолӣ нисбат ба Нор Остонзода ҳурмату эҳтироми хосса дошт. Вай ӯро ҳамчун устоди нуктасанҷ эҳтиром мекард, ки дар вақти муайяншуда наздаш омад.

– Мирсафо, саҳро ба саҳро, кӯҳ ба кӯҳ, хона ба хона гаштан бас, – бо лабханд гуфт ӯ, – шуморо ба идораи рӯзнома таклиф мекунем.

Остонзода ба номи правленияи хоҷагӣ нома тайёр карданд. Ва ҷонишини он кас Хурсанд Ҷумъазода мактубро ба раиси хоҷагӣ оварда илтимос намуд ки Мирсафоро аз вазифа озод намоянд ва барои кор ба рӯзномаи навбунёд фиристад. Мирсафо ба кор омад. Лекин ариза навиштан намехост. Пас аз қариб ду ҳафта рӯзи зодрӯзаш 16-уми марти соли 1990 бо чеҳраи болида аризаашро ба муҳаррир супорид. Н. Остонзода бо табассум ва табрик аризаи ӯро қабул карданд. Ӯ аввал чун муҳаррири техникӣ кор карда сипас ба шӯъбаи маънавият ба кор гузашт.

Мирсафо Камолӣ ҳамчун хабарнигор солҳои зиёд дар рӯзнома заҳмат кашид. Мусоҳибаи ӯ бо адабиётшиноси 23-солаи латиш Янис Эшот, ки асарҳои Ҷалолиддин Румӣ, Умари Хайём, Хоҷа Ҳофизу Абдураҳмони Ҷомиро ба забони модариаш аз нусхаи асл тарҷума кардааст, мукофоти рағбатноксозии рӯзномаро гирифт. Мақолаҳои «Моро аз мактаб наронед», «Рӯзнома барои кӣ мебарояд», «Аз пашша фил насозем», «Қаҳрамони беунвон», «Табассуми пеш аз марг», «Дил муқими Самарқанд аст» ва ғайра ба муштариён писанд омада, мардум акси садо навиштаанд. Шеърҳои лирикиаш дар рӯзнома ва китобҳо чоп шуданд.

Вале солҳои охир равуо аз деҳаи дурдасти Чунгул то идораи рӯзнома азият доду ба мактаби рақами 52 ба кор гузашт ва аз фанни забон ва адабиёти тоҷик сабақ дод.

Ҳоло ӯ дар нафақа аст. Ӯ падари се нафар фарзанд ва якчанд набераҳои яке аз дигаре ширин мебошад.

Гарчанд дар нафақа мебошад ва саломатиаш коҳиш ёфтааст, лекин ҳамон бо тарғиботу ташвиқоти рӯзномаҳо машғул аст. Мардумро ба нашрияҳои «Овози тоҷик», «Гулобод тонги», «Овози Самарқанд», «Ховар» ва ғайра тарғиб намуда ба обуначиён дастрас мекунад. Соли гузашта боз як кори савоб кард. Дастхатҳои Ҳ. Рашидиро ки ба Мирсафо дода барои чопи он васият карда буданд, пеш аз вафоташ бо номи «Гулхани меҳр» чоп кард ва Рашидӣ ки пас аз як сол 7-уми феврали соли ҷорӣ вафот карданд, ӯро то дақиқаҳои охири ҳаёт дуо карданд ва дар ҳаққи меҳрибониҳои ӯ ки ҳангоми беморӣ ва пиронсолагиашон аз дасташон гирифта рӯҳбаланд кардааст, навиштаанд.

*Улфати дилсӯзи ман*
*Хушнудии рӯзи ман.*
*Туи дӯсти вафодор*
*Намешавам ҳаргиз хор.*

Инчунин шоир Саттор Аҳрорӣ ки бо М. Камолӣ то охири умр дӯст ва ҳамқалам буданд ва бо ташаббуси Камолӣ шеърҳояшон мунтазам дар рӯзномаҳо ва китобҳои алоҳида нашр шуд, аз ӯ миннатдор шуда чандин шеърҳояшонро ба ӯ бахшиданд ва ҳангоми тӯҳфаи китоби «Гулдастаи Самарқанд» «Ту наӣ шогирд ҳаёти шеъри ман» навиштаанд.

### БА ҶОИ ХОТИМА

Дар бораи ҳаёт ва фаъолияти ҷонсӯзи рӯзнома, марди хоксору нексиришт ҷилд-ҷилд асар навиштан мумкин аст, вале ин кори хайрро ба муносибати 70 солагиаш, ки пас аз ду харбузапазӣ фаро мерасад, анҷом додан мумкин мебошад.

Ҳоло аз имконияти хушбахтона истифода бурда Мирсафо Камолиро бо се ҳазорумин шумора табрик гуфта, сиҳатсаломатӣ, хонаободӣ, умри дароз ва албатта парвозҳои баланди эҷодӣ таманно дорам ва тез чоп шудани маҷмӯаи назму насри ӯро умедворем.

Хотира муқаддас аст

# Омӯзгори ҳамагон рафт



Маҳаллаи мо боз аз як шахси баобрӯ ва мӯйсафеди нуронии худ Рафиқ Салимов ҷудо шуд. Ӯ 15-уми ноябр дар синни 83-солагӣ аз олам чашм пӯшид. Рафиқмуаллим омӯзгори ҳамагон барои аҳолии маҳалла намунаи ибрат буд.

Дар ҷанозаи ӯ аз дуру наздик мардуми бисёре ҷамъ омаданд. Раиси фахриёни спорти вилоят, профессори Институти такмили ихтисос ва бозомӯзии муаллимон Ҳамроқул Рофеев роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти Рафиқ Салимов сухан ронд.

Рафиқ Салимов 12-уми апрели соли 1937 дар оилаи деҳқон таваллуд шуда буд. Падараш Салим Исмоилов ва модараш Меликой Исмоилова бо замин сару кор доштанд. Вақте ки падараш ба Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ рафт, Салими 5-солаву хоҳараки 3-солааш дар тарбияи модар монданд.

Давраи бачагии Рафиқ Салимов бо душвориҳо гузашт. Ӯ баъди калонтар шудан дар ҳар соҳа кор кард. Дар 20-солагӣ бемори сахт шуд. Баъди ҷарроҳӣ духтурон тавсия доданд, ки бештар бо спорт машғул шавад. Ҳангоми машғулотҳои тарбияи ҷисмонӣ ба варзиш меҳр баст. Солҳои 1958-1960 дар гурӯҳи тарбияи ҷисмонии омӯзишгоҳи педагогии Самарқанд хонд. Се сол дар мактаби рақами 12-и ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё муаллимӣ кард.

Меҳри варзиш ӯро ба Тошканд овард. Солҳои 1963-1967 дар Институти тарбияи ҷисмонии Тошканд хонд. Бо роҳхати институт ба кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба кор омад. Ӯ ягона мутахассиси намуди шамшербозӣ буд. Вай дар ин даргоҳи илм 45 сол ба фаъолияти педагогӣ машғул шуд. Ҳамчун омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар тайёр кардани варзишгарон ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи донишгоҳ ва Самарқанд ҳиссаи калон гузошт.

Баробари кори омӯзгорӣ, соли 1984 рисолаи номзадӣ навишта, ҳимоя кард ва ба гирифтани унвони номзади фанҳои таърих мушарраф гардид.

Чанд сол вазифаи раиси маҳаллаи Даштиобод (собиқ Даштисӯхта)-ро ба ҷо овард. Бо ташаббус ва давутози Рафиқмуаллим ҳаракати нақлиёти мусофиркашон ба роҳ монда шуд. Дар сохтмони мактаби нави рақами 47 ва таъмиру тармими пункти табобатии деҳоти «Навбаҳор» ҳисса гузошт. Дар ташкил ва ободонии қабристони «Амонобод» ташаббусу фидокориҳо нишон дод. Дар маҳалла барои бачаҳо майдони варзишиву солимгардонӣ бунёд кард. Ёриву мададашро аз тарбиягирандагони хонаҳои меҳрубонӣ дареғ намедошт.

Номзади фанҳои таърих, Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон, Ифтихорманди хизматнишондодаи спорти Ӯзбекистон Рафиқ Салимов дар зиндагиву оиладорӣ ҳам намунаи ибрат буд. Вай бо ҳамсараш Зурафо Салимова соҳиби 5 нафар фарзанд – Нигора, Бахтиёр, Назира, Наргиза ва Қаҳрамон гардид. 9 нафар набераву 1 нафар абера дошт.

Писараш Қаҳрамон Салимов аз пайи касби падар рафта, корҳои ӯро давом медиҳад. Вай ҳоло услубшиноси шӯъбаи таълими халқи ноҳия ва ҷонишини раиси шӯъбаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши «Ёшлик»-и ноҳияи Самарқанд аст.

- Падарам Салимов Рафиқ як инсони нек, ростгӯй, дилсӯзу меҳрубон, педагоги моҳир, устоди ҳамаамон ва ниҳоят одами ташкилотчии хушмуомила буданд, - мегӯяд духтараш Назира Салимова. - Аз ҳалолкору поквиҷдон буданашон дар ҳама ҷо рӯйи сурху сари баланд доштанд. Дуогӯю насиҳатгарамон ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамеша роҳи росту ҳалоли зиндагиро ба фарзанд, набера, келин, домод ва хешу таборон нишон медоданд. Ман аз падарам бисёр чизҳоро ёд гирифта, талхиву ширинии ҳаётро омӯхтаам. Падари бузургворам ҳаёти худро ба дарду ғами халқ бахшида буданд. Имрӯз дар хонадони мо ҳама ғамгин мебошанд. То мо зинда ҳастем, падари бузургвор ва меҳрубону ғамхорамонро фаромӯш намекунем.

Илоҳо, ҷояшон аз ҷаннат ва охираташон обод бошад.

*Аҳли маҳаллаи Даштободи ноҳияи Самарқанд.*

# Марди накӯном намирад ҳаргиз...

**Камолиддин РАҶАБҚУЛОВ**, ҷонишини директори мактаби таълими умумии рақами 49-и ноҳияи Ургут оид ба корҳои маънавию маърифатӣ.

Ҳар як инсон дар ин дунё аз худ меросе мегузорад. Мероси бузургтарин номи нек аст.

Қӯйсун Гадоев марди ситорагарми кушодачеҳрае буд. Аз лабонаш табассум канда намешуд. Як бор бо вай ҳамсӯҳбат шавед, боз орзу мекардед, ки бо ӯ вохӯред, аз сӯҳбаташ баҳра баред. Қӯйсун шахси хушсӯҳбат, сураташ ба сираташ мувофиқат мекард. Дар бораи ин инсони комил сухан кардан барои ман фахр ва шараф аст.

Қӯйсун Гадоев соли 1952 дар деҳаи Камонгарони ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд, дар оилаи ҳунарманд Гадойбобо Қурбонов таваллуд шудааст. Падараш нонвой буданд. Аз паси ҳамин касб фарзандонро ба воя расониданд. Ин шахси бомаърифат тағои ман мебошад. Ҳар гаҳе хешу табор, тағою ҷиянҳо, апаю укаҳо ҷамъ шавем, албатта дар бораи хислатҳои неки инсонии тағоям Қӯйсун Гадоев сӯҳбат мекунем.

Рӯзе модараш Қурбоной Гадоева дар бораи додарашон Қӯйсун сухан ронда гуфтанд, ки аз бачагиаш меҳнаткаш буд, ба миёнаш як нонро баста, ба хӯрҷин китобҳояшро андохта, харсавор гову гӯсфандро пеш андохта, ба дашт мерафт, китоб мехонд. Аз модар барвақт ятим мондем, ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, Қӯйсунҷон меҳнат мекард ва дар мактаб аъло мехонд.

Баъди хатми мактаби миёна Қӯйсун Гадоев соли 1969 роҳи шаҳри Душанберо пеш гирифт. Як сол дар яке аз ошхонаҳои Душанбе кор кард. Соли 1970 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуд. Баъди хатми донишгоҳ соли 1975 фаъолияти меҳнатиашро дар идораи корҳои дохили шаҳри навбунёди Норак дар вазифаи муфаттиш оғоз кард. Ба қавле аз рутбаи лейтенанти хурд то ба подполковники милитсия расид.

Ман хостам имрӯз ба ҳаёту рӯзгори тағоям Қӯйсун Гадоев як назар андохта, роҳи тайкардаи ин марди наҷиб, одами дорои фазилатҳои баланди инсониро пеши назар орам. Ҳар гаҳе тағоям аз Душанбе меомад, моро бо меҳр ба оғӯш мегирифт, ба хонаҳоямон аз қадамаш файзе дохил мешуд, сӯҳбатҳо ва насиҳатҳои пурмаънояш доимо дар хотирамон буд. Як суруди тоҷикиро доимо замзама мекард

**Ҷӯраҷон дилам танг омадай,**
**Шишаи дилам,**
**ёри ҷон зери санг омадай...**

Ӯ дар шаҳри Норак то соли 1978 кор кард, баъд дар идораи корҳои дохилии ноҳияи Орҷоникидзеобод (ҳоло ноҳияи Ваҳдат) дар вазифаи сармуфаттиш фаъолият сар кард, 23 сол дар вазифаҳои масъули муфаттишӣ, барои ба ҳаёт татбиқ намудани қонун, таъмини адолати иҷтимоӣ ва риояи тартиби ҳуқуқ, муҳофизати манфиати мардум камари ҳиммат баст. Дар он шаҳру ноҳияҳое, ки Қӯйсун Гадоев дар адои вазифа буд, ҷиноятҳои вазнину пургиреҳ кушода мешуданд. Қӯйсун Гадоев шахси бомаърифат ва оилапарвар буд. Ӯ чор нафар фарзандро тарбия кард, ҳамаи онҳоро соҳиби маълумоти олӣ, хонаю ҷой намуд.



Соли 1994 Қӯйсун Гадоев сармуфаттиши идораи корҳои дохилии ноҳияи Панҷакент таъин карда шуд. Дар ин кори масъулиятнок то соли 1998 хизмат кард. Дар давоми фаъолияти меҳнатӣ ба якчанд ордену медал ва мукофотҳои давлатӣ сазовор гашт. Соли 1998 ба нафақа баромад ва ба зодгоҳаш – деҳаи Камонгарон баргашт.

Дар ин вақт вай касалманду хастаҳол буд. Қӯйсун Гадоев як умр кор кард, заҳмат кашид, вале дар зиндагӣ роҳати онро надида рафт. Моҳи ноябри соли 1999 дар синни 47 солагӣ аз олам чашм пӯшид. Худованд мукофоти заҳматҳои ӯро дар он ҷаҳони абадӣ насибаш гардонад. Чуноне, ки Саъдии бузург гуфтааст:

**Саъдиё, марди**
**накӯном намирад ҳаргиз,**
**Мурда он аст, ки**
**номаш ба накӯӣ набаранд.**

ЭЪЛОНҲО ЭЪЛОНЛАР ОБЪЯВЛЕНИЯ

Самарқанд шаҳридаги 28-умумий ўрта таълим мактабидан 2008 йилда Тамолова Гулбахар Шевкетовна номига берилган U № 3086927 рақамли умумий ўрта таълим тўғрисидаги шаҳодатнома йўқолганлиги сабабли бекор қилинади.

## Охираташон обод бод!

Кормандони рӯзномаи «Овози Самарқанд» ба устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, номзади фанҳои санъатшиносӣ Баҳора Хуррамова нисбати вафоти бародараш

**Баҳодур ХУРРАМОВ**

ҳамдардии амиқ изҳор карда, ба хешу пайвандони марҳум сабри ҷамил мехоҳанд.

Шоири халқии Тоҷикистон, Раиси Фарҳангистони шеъри ҷаҳон Гулрухсор Сафиева ба дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Баҳора Хуррамова ба муносибати даргузашти додарашон

**Баҳодур ХУРРАМОВ**

ҳамдардии амиқи хешро изҳор намуда, барояшон аз даргоҳи Худованд сабри ҷамил мехоҳанд.

Ходимони пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Анзурати Маликзод ва Шамсиддин Муҳаммадиев ба дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Баҳора Хуррамова бино бар даргузашти нобаҳангоми додарашон

**Баҳодур ХУРРАМОВ**

таслият арз менамоянд.

